**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар мавзуи «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ**

Кори диссертатсионии Одиназода Сафармоҳ Нурулло зери унвони «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» дар баробари мушаххас кардани зиндагиномаи Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ, ҳамчунин ташаккули афкори адабии тоҷики замони шуравиро низ дар заминаи самти фирдавсишиносӣ таҳлилу баррасӣ кардааст. Диссертант мавзуеро пешниҳод кардааст, ки се ҷанбаи масъала **а)** таҳқиқи илмӣ, **б)** таҳқиқи бадеӣ (таъсирпазирӣ) ва **в)** тарҷумавиро дар бар мегирад. Ҷанбаҳои мазкур дар алоҳидагӣ вижагиҳои муҳимми самти фирдавсишиносиро нишон медиҳанд.

Баррасиҳои анҷомёфта аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки самти фирдавсишиносӣ ба пажуҳиши як ё ду масъала маҳдуд намешавад, балки таҳлили ҳамаҷонибаро талаб мекунад. Аз ин рӯ, барои анҷом додани кори арзишманд дар самти фирдавсишиносӣ Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар баробари бархӯрдор будан аз вижагиҳои адабиёти форсии тоҷикӣ, ҳамчунин адабиёти муосири тоҷикро низ хеле хуб омӯхтааст.

Кори пажуҳишии Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар асоси таҳлили корҳои олимони ватанию хориҷӣ баррасӣ гардидааст. Роҷеъ ба Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ муҳаққиқон ва адабиётшиносони тоҷик, ба мисли Ш. Ҳусейнзода, Х. Шарифов, А. Афсаҳзод, А. Сатторов, Р. Мусулмонқулов, К. Айнӣ, С. Муллоҷаев, А. Мирзоев, М. Раҷабӣ ва ҳамчунин олимону ховаршиносони рус Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский, М.Н. Османов, М. Явич ва дигарон дар алоҳидагӣ корҳои илмӣ таълиф намудаанд, аммо таъсири самти фирдавсишиносӣ ба афкори адабии тоҷик(солҳои 50-80-уми асри XX)» бори аввал анҷом ёфтааст.

Осори намояндагони адабиёти форсии тоҷикӣ, аз ҷумла «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар замони шуравӣ новобаста аз талабот ва қонуниятҳои иҷтимоиву сиёсии онвақта пажуҳиш шуданд. Воқеан, ба қавли диссертант «самти *фирдавсишиносии* солҳои 50-80-уми асри ХХ ба сифати шаклан шуравӣ ва мазмунан миллӣ» пажуҳиш шудааст. Аз ин рӯ, автореферати пешниҳоднамудаи Одиназода Сафармоҳ Нурулло ҷанбаҳои зарурии рушди равобити адабиро дар бар мегирад.

Мавзуи «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри ХХ)» дорои аҳаммияти баланди илмӣ мебошад, зеро нуктаҳои матраҳгардида дар кори таҳқиқ тибқи нақша сурат гирифта, ба мавзуи таҳқиқ комилан мувофиқанд. Дар автореферат масъалаҳои назариявию амалӣ мавриди таҳқиқ баррасӣ гардидаанд. Пажуҳиши фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри ХХ) аз назари мавзуъ, ғоя, дарунмояи адабӣ, шакл, мундариҷа ва дигар масъалаҳои вобаста аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба чашм мерасанд:

1. Агар диссертант корҳои шоистаи Сотим Улуғзода дар самти фирдавсишиносӣ анҷомёфтаро дар боби алоҳида таҳлилу баррасӣ мекард, ба манфиати кори илмӣ мешуд.

2. Диссертант ба пажуҳишҳои донишмандони тоҷик ва рус аҳаммияти бештар дода, аз пажуҳишҳои олимони дигари собиқ шуравӣ, чун олимони ӯзбек, қирғиз, туркман, украин ва ғайра хеле кам истифода кардааст. Таҳқиқи ин масъала арзиши рисоларо меафзуд.

Албатта, камбудиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиш ва аҳаммияти диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки кори таҳқиқотии Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар мавзуи « Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри ХХ)» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ

буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:** доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забон ва фарҳанги
факултети гуманитарӣ-педагогии
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Шарифова Гулистон Амриддиновна

«Имзои д.и.ф., профессор Шарифова Г.А.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5,
Тел.: (+992) 234 88 02
E-mail: info@iutet.tj

26.08.2026